Замимаи 1

Бо Фармони Раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «20» ноябри соли 2012, № 2 тасдиқ карда шудааст.

**Низомномаи**
**Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Палатаи ҳисоб) мақоми олии назорати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аудити мустақили берунаро оид ба баҳодиҳӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ анҷом дода, ҷиҳати такмили он пешниҳод омода месозад.

2. Палатаи ҳисоб бо мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва воҳидҳои назорати дохилии молиявӣ дар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ё моликияти давлатӣ ба ҳисоб меравbooth, ҳамкорӣ менамояд.

3. Палатаи ҳисоб оид ба натиҷаи фаъолияти худ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамояд.

4. Палатаи ҳисоб фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ», дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, ба роҳ мемонад.

## II. Мақсад, вазифа ва ваколатҳои Палатаи ҳисоб

5. Палатаи ҳисоб бо тартиби муқарраргардида оид ба лоиҳаи буҷети давлатӣ ва иҷрои он хулоса пешниҳод менамояд.

6. Палатаи ҳисоб, бо мақсади пешниҳоди маълумоти беғаразона ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои мусоидат ба назорати истифодабарии маблағҳои гирифташуда ва харҷгардидаи буҷети давлатӣ ва идоракунии зарурии захираҳои давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санҷишҳо мегузаронад.

7. Аудити аз ҷониби Палатаи ҳисоб гузаронидашаванда сохторҳо ва намудҳои фаъолияти зеринро дар бар мегирад:

- тамоми мақомоте, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз ҷумла сохторҳое, ки қисман ё пурра дар ҳисоби хоҷагӣ қарор доранд;

- тамоми ташкилотҳое, ки дар онҳо ҳиссаи сармояи давлат ба таври назоратӣ махсуб меёбад;

- Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- фондҳои ғайрибуҷетӣ ва барномаҳои мақсадноки умумидавлатӣ;

- Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа;

- ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият, ки ба онҳо маблағҳои буҷетӣ дар намуди кӯмаки молиявӣ (дар асоси бебозгашт) ҷудо мегарданд;

- амалӣ намудани созишномаҳои байниҳукуматӣ, ки оқибатҳои молиявӣ ва оқибатҳои дигари хоҷагӣ доранд;

- хусусигардонии моликияти давлатӣ, аз ҷумла иҷрои шартномаҳои хусусигардонии бо давлат басташуда аз ҷониби соҳибони нав;

- идоракунӣ ва истифодабарии захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла татбиқи созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот;

- истифодабарии кӯмакҳо ва хизматрасонии маблағҳои қарз ва захираҳои давлатӣ бо асъори хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз сарчашмаҳои хориҷии сармоягузорӣ ва мувофиқи мақсад сарф кардани онҳо.

8. Палатаи ҳисоб мутобиқи вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд:

- муайян намудани тартиби гузаронидани назорати давлатии молиявӣ ва аудити беруна;

- дар якҷоягӣ бо мақомоти ваколатдори назорати дохилии молиявӣ таҳия ва такмили стандартҳои назорати давлатии молиявӣ ва амалигардонии назорати риояи онҳо;

- омӯзиши дақиқ ва пешниҳоди хулоса оид ба раванди ташаккулёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва самтҳои алоҳидаи лоиҳаи буҷети давлатӣ, баҳодиҳии мутобиқати самтҳои афзалиятноки он бо барномаҳои давлатии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ;

- таҳлил ва пешниҳоди хулоса оид ба ташаккул ва иҷроиши буҷети давлатӣ, баҳодиҳии воқеият ва таваккали нишондиҳандаҳои пешбинишуда аз рӯи гурӯҳбандиҳои иқтисодии буҷетӣ;

- арзёбии мувофиқати истифодабарии захираҳои давлатии буҷетӣ ва захираҳои дигар ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- арзёбии харидории сарфакорона ва истифодабарии самараноки захираҳои давлатӣ барои комёбшавӣ ба мақсадҳои дар буҷети давлатӣ пешбинишуда ва натиҷанокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ;

- арзёбии татбиқи нақшаҳои стратегии мақомоти маркази давлатӣ ва барномаҳои давлатии буҷетӣ ва соҳавӣ;

- арзёбии эътимоднокии низоми идоракунии молиявӣ, инчунин саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ, ки сохтори дахлдор омода намудааст;

- арзёбии комёбшавӣ ба иҷрои вазифаҳои дар назди ташкилот ё ягон сохтори он гузошташуда;

- арзёбии сарфанокӣ ва мақсаднокии истифодабарии маблағҳои буҷетие, ки ба сохтори дахлдор ҷудо карда шудаанд.

9. Ваколатҳои Палатаи ҳисоб вобаста ба гузаронидани аудити мустақили беруна ба тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн гардида, иборатанд аз:

- ташкил ва амалигардонии тафтишу санҷишҳо оид ба омӯзиш ва таҳлили ташаккулёбӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ аз рӯи ҳаҷм, сохтор ва таъиноти мақсаднок;

- таҳлили асоснокии қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ, инчунин самаранокии хароҷоти воситаҳои давлатӣ, маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва махсус, истифодаи амволи давлатӣ;

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки аудити молиявӣ, интихоби мустақилонаи объект, мавзӯъ, усул ва мӯҳлати санҷиш, инчунин муайян намудани шакли пешниҳоди хулосаҳои дахлдор;

- назорат оид ба сари вақт ва пурра маблағгузорӣ намудани барномаҳои давлатии сармоягузорӣ ва иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки воситаҳои аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ҷудошаванда, инчунин тақсимоти кӯмаки башардӯстона ва техникии аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда;

- таҳлили истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои қарзию грантӣ, инчунин назорат оид ба таъмини сариваҳтии хизматрасонии қарзҳои беруна, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо кафолати он гирифта шудааст;

- назорат оид ба қабул, истифода ва нигоҳдории фонди давлатии металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки қисми таркибии захираҳои тиллоию асъори давлат мебошанд;

- назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хариди давлатии мол ва амволи давлатӣ ҳангоми истифодабарии маблағҳои буҷети давлатӣ ва дороиҳои давлат;

- санҷиши қонунӣ ва сариваҳтӣ будани гардиши воситаҳои буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ дар бонкҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию кредитӣ;

- назорат оид ба истифодаи мақсадноки захираҳои кредитӣ ва сармоягузориҳои хориҷии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалбшаванда;

- ташхиси молиявии лоиҳаҳои қонунҳо, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва пешниҳоди таклифҳо доир ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба буҷет ва дигар бахшҳо;

- таҳлили фарқиятҳои ошкоршуда аз нишондиҳандаҳои тасдиқшудаи буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ ва таҳияи пешниҳодот ҷиҳати бартараф намудани онҳо;

- санҷиш ва таҳлили фаъолияти мақомотҳое, ки назорати давлатии молиявӣ ва назорати дохилиидоравии молиявиро оид ба истифодабарии маблағҳои гирифташуда ва харҷгардидаи буҷети давлатӣ ва идоракунии зарурии захираҳои давлатӣ ва таҳлили умумии низоми молиявӣ ва низоми идоракунии дохилӣ анҷом медиҳанд;

- назорати фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои давлатии хоҷагидор, инчунин аз ҷониби онҳо таъмин гардидани нигаҳдории воситаҳои давлатӣ ва амволи давлатӣ;

- қабули қарор ва пешниҳоди хулоса ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои молиявии ошкоргардида ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои мавриди санҷиш қарор додашуда;

- дар рафти гузаронидани аудити мустақили беруна ва санҷишҳо мӯҳр задани хазинаҳо, дастгоҳҳои хазинавӣ, бино ва ҷои нигаҳдории ҳуҷҷатҳо, маблағҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ;

- дар доираи салоҳияти худ таъмин намудани ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатӣ;

- таҳия ва мувофиқа намудани лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба назорати давлатии молиявӣ ва аудити молиявии беруна;

- ташкил намудани тарбияи касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон ва фаъолияти илмию тадқиқотӣ, таълимӣ ва нашриётӣ;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудан, нигоҳдорӣ, бақайдгирӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонии тартибдодашуда;

- барои баррасӣ ва такмили масъалаҳо дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ҷалб намудани ташкилотҳои илмӣ, дигар ташкилотҳо, олимон ва мутахассисони соҳавӣ;

- баррасии арзу шикоят, иттилооту маълумот ва маводҳо оид ба санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагии объектҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда;

- вобаста ба баррасии аризаҳо ва иттилооти бо тартиби муқаррааргардида ба қайд гирифташуда дар доираи салоҳияти худ ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани тафтиши фаъолияти молиявию иқтисодӣ ва санҷиши риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва намуди фаъолияти онҳо;

- мувофиқи тартиби муқаррааргардида таъсис додани нишони хизмати шоиста ва мукофотҳои идоравӣ ва ба онҳо сарфароз гардонидани кормандон барои комёбиҳо дар бахши муқаррааргардидаи фаъолият;

- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати гузаронидани санҷиш ё таҳлилҳои пешакӣ

дархост намудан ва гирифтани нусхаи аслӣ ва нусхаи қарорҳо, фармоишҳо, фармонҳо, ҳуҷҷатҳо ва маводи хизматӣ, иттилооти оморӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз тамоми мақомоти давлатӣ, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз тобеият, шакли моликият ва шахсони мансабдори онҳо, оид ба масъалаҳои салоҳияти Палатаи ҳисоб;

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудани пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Палатаи ҳисоб ва сохторҳои тобеи он, инчунин таҳкими ташкилию сохторӣ, кадрӣ ва моддию техникии мақомоти он;
- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маълумот ва хулосаҳо оид ба натиҷаҳои фаъолияти таҳлилию назоратӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ дар соли сипаришуда;
- вобаста ба натиҷаҳои аудити берунаи молиявии гузаронидашуда баррасӣ ва мавриди муҳокима қарор додани ҳисоботҳои дахлдори шахсони мансабдори объектҳои аудит;
- мувофиқи тартиби муқарраргардида ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои аудити самаранокӣ ва назорати давлатии молиявӣ;
- мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи молияи давлатӣ", дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳо.

## III. **Ташкили фаъолияти Палатаи ҳисоб**

10. Ба Палатаи ҳисоб Раиси Палатаи ҳисоб сарварӣ менамояд, ки он бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати ҳафт сол таъин карда мешавад.

Ба ҳайати Палатаи ҳисоб Раис, муовини Раис ва панҷ сараудитор, ки аъзои Палатаи ҳисоб мебошанд, дохил мешаванд.

Раиси Палатаи ҳисоб як муовин дорад, ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати ҳафт сол таъин карда мешавад.

Муовини Раис бевосита ба Раиси Палатаи ҳисоб тобеъ буда, фаъолият ва коргузории Палатаи ҳисобро дар доираи ӯҳдадориҳои вазифавии худ ташкил ва амалӣ менамояд. Дар сурати набудани Раиси Палатаи ҳисоб, ваколатҳои ӯро иҷро менамояд.

Раиси Палатаи ҳисоб роҳбарии умумии фаъолияти Палатаи ҳисобро анҷом медиҳад ва барои иҷрои ваколатҳои ба зиммааш гузошташуда масъулияти шахсӣ дошта, ӯҳдадориҳои вазифавии муовин, сараудиторон ва дигар воҳидҳои Палатаи ҳисобро муайян менамояд.

11. Раиси Палатаи ҳисоб:

- сохтори дастгоҳи марказӣ ва низомномаҳои воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисобро тасдиқ менамояд;
- вазифаҳоро байни муовин ва сараудиторон тақсим менамояд;
- дастурамали хизматии воҳидҳои сохториро муайян ва тасдиқ менамояд ва тартиби истифодаи ҳуқуқҳои воҳидҳои сохториро муқаррар менамояд;
- роҳбари дастгоҳ ва кормандони Палатаи ҳисобро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;
- масъалаҳои ҳавасмандгардонӣ, расонидани кӯмаки моддиро ҳал менамояд ва ба кормандон ҷазоҳои интизомӣ таъин менамояд;
- харҷнома ва ҷадвали воҳидҳои кории Палатаи ҳисобро дар доираи фонди пардохти музди меҳнат ва шумораи кормандони аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррargardida ва дар доираи маблағҳои барои давраи дахлдор тасдиқгардида, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ шудаанд, тасдиқ менамояд;
- мувофиқи тартиби муқаррargardida лоиҳаҳои қонунҳо, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти он таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод менамояд;
- Палатаи ҳисобро дар мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар хориҷа намояндагӣ менамояд;
- ҳуқуқи бо ҳуҷҷатҳои вобаста ба назорати ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ бо дарназардошти риояи талаботи махфият, сирри аз ҷониби қонун ҳифзшудаи давлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайра, бе мамоният шинос шуданро дорад;
- дар ҷаласаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои вобаста ба ҳисоботи солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ, дар муҳокимаи парламентӣ оид ба иҷрои буҷети давлатӣ, инчунин доир ба масъалаҳои дигари вобаста ба вазифаҳои Палатаи ҳисоб, иштирок менамояд;
- дар доираи ваколатҳои муқаррargardida ба воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб супоришҳо медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат менамояд;
- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба кормандон додани рутбаҳои махсуси ҳайати олии роҳбарикунанда ва дар бораи сарфарозгардонии онҳо бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот манзур менамояд;
- масъулияти бо қонунҳо муайянгардидаро ба ӯҳда дорад;
- мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳоро мавриди амал қарор медиҳад;
- фармонҳои дорои хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ доштаро дар доираи салоҳияти худ қабул менамояд.

12. Сараудиторони Палатаи ҳисоб бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати ҳафт сол ба вазифа таъин карда мешаванд.

Сараудиторони Палатаи ҳисоб:

- дар доираи салоҳияти худ ба самтҳои дахлдори фаъолияти Палатаи ҳисоб роҳбарӣ мекунанд;

- дар доираи иҷрои ваколатҳояшон талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя мекунанд, ба кори объектҳои аудит монеагӣ намесозанд ва ба фаъолияти хоҷагию истеҳсолии онҳо дахолат намекунанд;

- ҳуқуқи дар кори ҷаласаҳои кумитаю комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати мушовараи вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданро доранд;

- ҳуқуқи бо ҳуҷҷатҳои вобаста ба назорати ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ, бо дарназардошти риояи талаботи махфият, сирри аз ҷониби қонун ҳифзшудаи давлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайра бе мамоният шинос шуданро доранд;

- ҳуқуқи дар мӯҳлатҳои аз ҷониби онҳо муайяншуда аз объектҳои аудит маълумот, гузоришҳои (ҳисоботҳои) шифоҳӣ ва хаттӣ оид ба масъалаҳои гузаронидани аудит талаб кардан ва дастрас намуданро доранд;

- ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти назоратӣ, ташхисию таҳлилӣ ва иттилоотии Палатаи ҳисобро таъмин менамоянд;

- масъулияти бо қонунҳо муайянгардидаро ба ӯҳда доранд.

13. Раис, муовин ва сараудиторони Палатаи ҳисоб барои иҷрои ваколатҳои худ:

- аз рӯи натиҷаи санҷишҳои аудиторӣ санадҳо қабул мекунанд;

- оид ба натиҷаи санҷишҳои аудиторӣ дар асоси санадҳои санҷиш хулоса менависанд;

- қарорҳои Палатаи ҳисобро қабул мекунанд;

- ба мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва шахсони мансабдор дар бораи рафъи камбудии корҳои иҷрои буҷети давлатӣ, ки дар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, пешниҳодҳо манзур менамоянд.

14. Пешниҳодоти ба роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо ирсолнамудаи Палатаи ҳисоб оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ва ҷуброни зарари ба давлат расонидашуда дар мӯҳлати дар пешниҳодот дарҷгардида баррасӣ карда мешаванд.

15. Мақомоти дахлдори давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо оид ба натиҷаи баррасии пешниҳодот ва чораҳои андешидашуда ба Палатаи ҳисоб маълумот ирсол менамоянд.

16. Рутбаҳои олии махсуси ҳайати роҳбарикунандаи Палатаи ҳисобро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

17. Мақоми олии Палатаи ҳисоб Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб мебошад. Ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб Раис, муовини Раис ва сараудиторон дохил мешаванд.

Маҷлиси Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб аз рӯи зарурият аз ҷониби раиси он ё бо талаби аз се як ҳиссаи аудиторони Палатаи ҳисоб, вале на кам аз як маротиба дар як моҳ даъват карда мешавад.

18. Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дар ҷаласаҳои худ, ки мунтазам гузаронида мешаванд, масъалаҳои муҳими мансуб ба салоҳиятҳои Палатаи ҳисобро баррасӣ менамояд.

19. Иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб оид ба масъалаҳои вобаста ба амалӣ намудани вазифаҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян гардидаанд, барои шахсони мансабдор ва дигар кормандони Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошад. Дар баробари ин, қарорҳои қабулнамудаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб наметавонанд ҳуқуқ ва ваколатҳои шахсони мансабдор ва кормандони Палатаи ҳисобро маҳдуд намоянд.

20. Барои баррасии масъалаҳои фаъолият ва пешниҳоди тавсияҳо дар назди Палатаи ҳисоб бо тартиби муқарраргардида мумкин аст мақомоти ҳамоҳангсоз ва машваратӣ (шӯроҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ), аз ҷумла байниидоравӣ ташкил карда шаванд.

21. Палатаи ҳисоб дар доираи салоҳиятҳои худ қоидаҳо, дастурамалҳо ва дастурҳои методиеро таҳия менамояд, ки иҷрои онҳо барои мақомот ва ташкилотҳои зертобеъ ҳатмӣ мебошад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ Палатаи ҳисоб бо вазорату кумитаҳо ва дигар идораҳои давлатӣ фармонҳо ва фармоишҳои муштаракро таҳия ва қабул менамояд.

22. Фаъолияти меҳнатии кормандони Палатаи ҳисоб тибқи қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад.

23. Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз охири семоҳаи аввали соли молиявии навбатӣ ҳисобот оид ба иҷрои буҷети Палатаи ҳисобро пешниҳод менамояд.

24. Палатаи ҳисоб, бо дарназардошти риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи сирри давлатӣ, ҳисоботҳои худро оид ба фаъолияташ дар воситаҳои ахбори омма ва сомонаи Палатаи ҳисоб интишор менамояд.

25. Палатаи ҳисоб дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати соҳибмулкиро оид ба идора ва ихтиёрдории моликияти ба мақомоти Палатаи ҳисоб тааллуқдошта амалӣ менамояд.

26. Меъёри воситаҳои нақлиёти хизматӣ, боркаш ва дигар навъи нақлиётро барои Палатаи ҳисоб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## IV. **Муқаррароти хотимавӣ**

27. Нисбат ба ҳар гуна амалҳое, ки бо мақсади монеъ шудан ба аъзо ва кормандони Палатаи ҳисоб зимни иҷрои ӯҳдадориҳои хизматиашон ва ба хотири маҷбуркунии он (онҳо) барои қабули қароре, ки хилофи қонунҳои амалкунанда аст, сурат мегиранд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешида мешаванд.

28. Андозаи музди меҳнати Раис, муовини Раис ва сараудиторони Палатаи ҳисоб, инчунин шарт ва тартиби пардохти онҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

29. Палатаи ҳисоб шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ном ва аломати худ аст ва аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар сатри алоҳида маблағгузорӣ мешавад.

30. Маҳалли ҷойгиршавии Палатаи ҳисоб: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 36.